МАЪРИФАТ, АДОЛАТ, САДОҚАТ, ҚОНУНИЯТ

# НАБЗИ МИЛИТСИЯ

№2 (66),
ФЕВРАЛИ СОЛИ 2021
www.avkd.tj
avkdtj@mail.tj

НАШРИЯИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ:
## Мо ба Қувваҳои Мусаллаҳи кишварамон эътимоди комил дорем!





23-юми феврал Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомади тантанавӣ ба ифтихори 28-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Кохи Борбад баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ карданд.

Президенти мамлакат, нахуст тамоми хизматчиёни ҳарбии сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин собиқадорони хизмати ҳарбиро ба ифтихори Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ самимона табрику таҳният гуфтанд.

Сарвари давлат оид ба таърихи 28 соли дар шароити ниҳоят вазнину ҳассоси иқтисодӣ ва ҳарбиву сиёсии кишвар таъсис ёфтани Қувваҳои Мусаллаҳ, аз имтиҳону озмоишҳои сахту сангин гузаштану ба як сохтори муташаккилу боэътимод, нерӯи пуркудрати ҳимоятгари давлату халқи Тоҷикистон ва яке аз шоҳсутунҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон табдил ёфтанаш, андешаронӣ карданд.

Таъкид гардид, ки бо талошу ҷоннисориҳои фарзандони бонангу номуси Ватан, яъне афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар айёми ниҳоят душвор ва барои мардуми кишвар тақдирсоз сохти конститутсионӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ барқарор гардида, барои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Сарвари давлат таъкид карданд, ки Ҳукумати мамлакат аз рӯзҳои нахустини таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ бо вуҷуди имкониятҳои ниҳоят маҳдуди иқтисодиву молиявӣ барои бунёди инфрасохтори низомӣ, таъсиси ҷузъу томҳои махсусгардонидашуда, таъмин кардани онҳо бо техникаву таҷҳизоти замонавӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои хизмат ва зиндагӣ тамоми тадбирҳоро амалӣ намуд ва ин раванд вобаста ба рушди иқтисодиёт идома меёбад.

Роҳбарияти давлат хизмати содиқонаи хизматчиёни ҳарбиро ҳамеша қадршиносӣ мекунанд. То имрӯз садҳо нафар низомиён - фарзандони бонангу номуси Ватан бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои олии ҳарбӣ сарфароз гардонида шудаанд ва ин иқдом минбаъд низ идома дода мешавад.

Дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, садоқат ба Ватан ва савганди ҳарбӣ, ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва дӯстиву рафоқат тарбия кардани афсарони ҷавон ва сарбозон аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин мебошад.

Пешвои миллат бо итминон иброз доштанд, ки мо ба Қувваҳои Мусаллаҳи кишварамон эътимоди комил дорем ва медонем, ки онҳо минбаъд низ Истиқлолияту озодии Тоҷикистони маҳбубамон, амнияти давлат ва суботу оромии мардуми моро ҳамчун сипари боэътимод ҳимоя мекунанд. Ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатиро бо интизоми қавӣ, омодабошии доимии ҷангӣ, рӯҳияи баланди ватандӯстӣ ва садоқат ба касби бошарафу муқаддаси худ истиқбол мегиранд.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар тамоми ҳайати шахсии ҷузъу томҳои низомӣ ва шаҳрвандони кишварро ба ифтихори бисту ҳаштсолагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ табрик гуфта, ба ҳамаи онҳо саломативу сарбаландӣ ва дар роҳи ҳифзи Ватани соҳибистиқлоламон рӯҳи шикастнопазир ва иродаи қавӣ орзу карданд.

Ҷамъомади идонаро барномаи рангину пурмуҳтавои консертӣ бо иштироки аҳли ҳунару фарҳанги кишвар шукӯҳи тоза бахшид, ки туҳфаи арзандае барои афсарону сарбозони содиқи ҷумҳурӣ мебошад.

Илм - ин донишҳои банизомдаровардашуда, хирад бошад, зиндагии бонизом аст.
Иммануил Кант

ФЕВРАЛИ СОЛИ 2021

# Вохӯрӣ баҳри баланд бардоштани маърифатнокӣ





Ҷиҳати иҷрои дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва фароҳам овардани шароитҳои мусоиди таълим, вохӯрии муовини аввали Вазири корҳои дохилӣ генерал-лейтенанти милитсия Аламшозода Абдураҳмон Аламшо бо курсантону шунавандагон ва омӯзгорони Академия баргузор гардид.

Мулоқотро муовини аввали Вазири корҳои дохилӣ А. Аламшозода огоз бахшида, қайд намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи омодасозии кадрҳо ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ, хусусан дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир менамоянд. Ҳамин аст, ки бо дастгирии ҳамаҷонибаи Роҳбари давлат, тайи солҳои охир шумораи мактабҳои олӣ, миёнаи махсус, таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои таълимии касбӣ афзуда, онҳо бо тамоми таҷҳизоти муосири таълимӣ таъмин гардидаанд. Мисоли барҷаста ва равшани он ифтитоҳи Академияи ВКД мебошад.

Тавре муовини аввали Вазири корҳои дохилӣ дар идомаи суханронии худ қайд намуд? Пешвои муаззами миллат дар мулоқоту вохӯриҳо ва Паёмҳои солонаашон ба Маҷлиси Олӣ маорифро яке аз соҳаҳои асосӣ ҳисобида, маблағгузории ин бахши муҳими хоҷагии халқи кишварро сол то сол афзун менамоянд.

Эълон намудани "20-солаи омӯзиши илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ", гузаронидани озмунҳои "Тоҷикистон - Ватани азизи ман" ва "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" аз иқдому ташаббусҳои Пешвои миллат дар роҳи баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии наврасону ҷавонони кишвар мебошанд. Дар ин асос, бо супориши Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, дар муассисаҳои таълимии Вазорат, аз ҷумла Академия ин гуна чорабиниҳо роҳандозӣ шудаанд, ки боиси баланд гардидани завқ ва масъулияти курсантону омӯзгорон хоҳанд шуд.

Ҳамин тариқ, ҳангоми ҷамъбасти вохӯрӣ сардори Академия, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ изҳори умед намуд, ки мулоқоти мазкур ба ҳамагон баҳри ташаккули рӯҳияи миллӣ, садоқат ба Ватан, Президент, ҳифзу нигаҳдории Ваҳдати миллӣ ва боло бурдани сатҳи таълиму тарбия мусоидат менамояд.

*Б. Асламов,*
*У. Олим*

# Гурӯҳи таблиғотӣ дар мулоқот бо курсантон

Дар толори фарҳангии Академия вохӯрии гурӯҳи таблиғотӣ ҷиҳати иҷрои супориши Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми ноябри соли 2020 "Оид ба баланд бардоштани рӯҳияи аскарон, бедор намудани ҳисси ватандӯстиву ҳувияти миллӣ, муҳаббат ба Модар-Ватан, гиромидошти арзишҳои миллӣ, Ваҳдату Истиқлолияти давлатӣ" бо ҳайати шахсии Академия баргузор гардид.



Вохӯриро муовини аввали сардори Академия генерал-майори милитсия Кабирзода Ҷураҳон Ҳаким огоз бахшида, ибрoз намуд, ки чанд рӯз пеш мо шоҳиди ироаи Паёми навбатии Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидем, ки самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвари азизамонро дар арафаи 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар бар мегирифт. Дар Паёми имсола инкишофи соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар пурра ва возеҳу равшан мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Тавре номбурда илова кард, ҳайати шахсии Академия бо мароқи том Паёмро дастаҷамъона тамошо карда, бандҳои онро ҳамаҷониба иҷро менамоянд.

Дар вохӯрии мазкур муовини раиси шаҳри Душанбе Муинӣ Мавсума Муинзода, мудири бахши кор бо ҷавонони ва варзиши ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Муборак Бадалова, мудири бахши драматургияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Ато Ҳамдам, сардори шуъбаи корҳои сиёсӣ-тарбиявии Гвардияи миллӣ Хуршед Саломзода, мудири шуъбаи АИМТ Ҳамзахон Камолзода, мутахассиси пешбари Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муслиҳиддин Хоҷамирзода ва сардори Раёсати кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе Заррина Зухурова ширкат намуданд.

Муовини раиси шаҳри Душанбе Муинӣ Мавсума Муинзода дар бораи бунёдкориҳои Тоҷикистон дар зарфи 30 соли Истиқлолият таҳти роҳбарии хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маърӯзаи муфассал намуда, атрофи мавзӯъҳои сулҳу ваҳдат, танзими ҷашну маросимҳо, фарҳанги китобхонӣ, ширкат дар озмунҳо, (алалхусус, номи курсанти Академия Д. Зардаков ҳамчун иштирокчии фаъоли озмуни шаҳрии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" садо дод),

Дар фарҷоми вохӯрӣ муовини аввали сардори Академия генерал-майори милитсия Ҷ. Кабирзода ба гурӯҳи таблиғотӣ изҳори миннатдории Вазири корҳои дохилӣ ва сардори Академияро расонида, ибрoз намуд, ки дарҳои Академия доимо барои чунин чорабиниҳои



пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ, зиракию хушёрии ҷавонон суханронӣ намуд, ки аз ҷониби ҳайати шахсии Академия бо қаноатмандии том шунида шуд.

Иштирокчиёни дигари ин ҷамъомад низ баромад намуданд.

судманд боз аст.

Вохӯрӣ дар рӯҳияи баланд ва ҳусни тафоҳум гузашта, ҷиҳати тарбияи ҳайати шахсӣ дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ мусоидат хоҳад намуд.

*С. Сафарзода,*
*Ш. Убайдуллоев*

# ЧОРАБИНИИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ

Дар Академия бо иштироки роҳбарият, ҳайти шахсӣ ва меҳмонон бахшида ба 28-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии бошукӯҳи идона баргузор гардид.




Чорабиниро бо сухани ифтитоҳӣ сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ оғоз бахшида, ҳамаи иштирокдоронро бо ин санаи таърихӣ табрику муборакбод намуд.



Зикр гардид, ки Артиши миллӣ бо ташаббуси Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28 сол муқаддам таъсис дода шуд, ки солҳои Истиқлолият ба як нерӯи пурқувват табдил ёфта, аз лиҳози техникию моддӣ муҷаҳҳаз гардонида шуд.

Дар ҷараёни чорабинӣ омӯзгорону собиқадорони Академия Розиқзода А.Ш., Р. Раҷабов ва А. Сайфиддинов аз дастовардҳои Артиши миллӣ ёдовар гардида, саҳми босазои Пешвои миллатро дар роҳи ба даст овардани сулҳу осоиштагӣ дар кишвар муҳим арзёбӣ карданд.

Қобили қайд аст, ки ҷашни 28-солагии таъсисёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Академия дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ ва идона доир гардида, он бори дигар аз дӯстию рафоқати афсарону курсантон, сулҳу суботи комили кишвар дар партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармодеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарак дод.

Дар фарҷоми чорабинӣ барномаи консертӣ бо иштироки корманд-ҳаваскорони Академия манзур гардонида шуд, ки хотири ҳамагон бо шунидани суруду таронаҳои дилошӯб шод гардид.



***У. Олим,***
***Ш. Убайдуллоев***

# Рӯҳбаландии курсантдухтарон аз дастгириҳои роҳбарият

Дар партави дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, чанде пеш дар Академия вохӯрии навбатии курсантдухтарон бо сардори ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ баргузор гардид.

Сардори Академия зимни ин вохӯрӣ хотирнишон сохт, ки илму маърифат дар ҳама давру замон нишони тамаддун ва таъриху фарҳанги ҳар як давлату миллат мебошад. Мардуми тоҷик аз қадим бо дафтару девон сару кор доранд, китобдору китобхон ҳастанд ва дар бунёди тамаддуни башарият бо корномаҳои илмиву фарҳангии худ саҳми шоиста гузоштаанд. Иқдоми наҷибе, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҷомеа, яъне эълон гардидани озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ва "Тоҷикистон - Ватани азизи ман" давоми мантиқии гуфтаҳои болост.





Вазифаи шумо, ҷавонон - курсантдухтарони Академия, имрӯз бо баҳои хубу аъло таҳсил намудан, иштирок дар озмунҳои номбурда мебошад. Имрӯз ифтихор мекунем, ки аз ҷониби Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як бинои замонавии Академия муҷаҳҳаз бо технологияи муосир, синфхонаҳои замонавӣ, толорҳои бошукӯҳ, варзишгоҳ, китобхонаҳои умумиву электронӣ ба мо ҳадя гардидааст. Ин ҳадяи шоистаи Пешвои миллат, бахусус шумо, ҷавондухтаронро водор месозад, ки донишу малакаи баланди тахассусӣ дошта бошед ва дар оянда ҳамчун корманди болаёқат, забондон, содиқ ба Савганд, барои Тоҷикистони соҳибистиқлол хизмат кунед. Ғамхориҳои пайвастаи Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро нисбати занон ва духтарони мақомоти корҳои дохилӣ аст, ки шумо, курсантдухтарон ва кормандзанон ба фаъолияти пурзӯри хизматӣ ҷалб намешавед, ин дар ҳолест, ки дар давлатҳои хориҷӣ занону кормандзанони полис дар қатори мардон ба хизмати пурзӯри шабонарӯзӣ ҷалб мешаванд. Вазифаи аввалиндараҷаи шумо, шогирдон, дониши аъло ва риояи талаботи Оиннома ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро ба танзим медароранд, мебошад. Солҳои пеш дар Академия аз 1 то 2 нафар духтар таҳсил мекард, лекин имрӯз, ки бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақому манзалати зан дар ҷомеа хеле баланд рафтааст, Фармон, Стратегия, Консепсия ва дигар барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, ки ҳадафи қабули ин санадҳо арҷ гузоштан ба ҳуқуқу озодиҳои занон, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа мебошад, ба он оварда расонид, ки шумораи занону духтарон дар ВКД низ бо суръати баланд рӯ ба зиёдшавӣ овард.

Имрӯз дар Академия шумораи курсантдухтарон хеле зиёданд. Ғамхориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ғамхориҳои Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро шумо курсантдухтаронро водор месозанд, ки ҳастии хешро барои сайқал додани донишу малака ва маҳорати касбӣ ба харҷ диҳед, дар озмунҳо фаъолона иштирок намуда, савияи забондонии худро сайқал диҳед ва бо ин васила исбот намоед, ки мардуми тоҷик аз бостон китобдору китобхон буданд.

Дар навбати худ, дар идомаи ҷамъомади судманд курсантдухтароне, ки аз оилаҳои кормандони фавтидаи мақомоти корҳои дохилӣ, аз ноҳияҳои дурдаст, аз оилаҳои камбизоат дар Академия таҳсил карда, дар хобгоҳ зиндагонӣ менамоянд, ба Вазири корҳои дохилӣ генерал-майори милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ва сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ миннатдории хешро баён намуданд ва ваъда доданд, ки Академияро бо баҳои аъло хатм мекунанд ва дар оянда бо донишу малакаи хуби касбӣ ба халқу Ватан содиқона хизмат менамоянд.

***Азиза Давлатшоева,***
***Саида Сафарзода***

# Хатми курси такмили ихтисос



Дар Паёми навбатиашон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 26 январи соли 2021 ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод гардид, тамоми мардуми шарифи кишварамонро барои дар самти созанда ва бунёдкорона, рушду такомули ҷомеа содиқона хизмат намудан, таъкид доштанд. Қайд гардид, ки барои беҳтар кардани сатҳу сифати таълим дар ҳама зинаҳои таҳсилот бояд тамоми шароити заруриро муҳайё карда, дар ин раванд масъулияти падару модар, аҳли ҷомеа ва омӯзгорон баланд бардошта шавад.

Ҳадафи Роҳбари давлат аз ин ташаббусҳо баланд бардоштани сатҳи саводу маърифатнокии мардум ва дар навбати аввал, наврасону ҷавонон, тақвияти ҳисси миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, хувияти миллӣ, арҷгузорӣ ва омӯхтани забон, таърих ва фарҳанги бостонии тоҷикон, тавсеаи доираи донишу ҷаҳонбинии илмиву техникӣ ва рушди илмҳои дақиқу табиӣ дар кишвар мебошад.

Дар навбати худ, бо дастуру супоришҳои Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро дар ҷаласаи селекторӣ вобаста ба масъалаҳои таъмини қонуният ва тарбияи кадрҳои кордону поквиҷдон ва дорои сатҳи баланди касбият, роҳ надодан ба кирдорҳои коррупсионӣ ва бартарафсозии камбудиҳо дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ баён гардид.

Дар ин радиф Академияи ВКД барои таъмини қонуният ва тарбияи кадрҳои кордону поквиҷдон ва дорои сатҳи баланди касбӣ барои мақомоти корҳои дохилӣ диққати аввалиндараҷа медиҳад. Дар факултети №3, тибқи речаи тасдиқгардидаи Вазири корҳои дохилӣ аз 6 июли соли 2020, бо мақсади баланд бардоштани малакаи касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ курси такмили ихтисос аз 28 декабри соли 2020 то 28 январи соли 2021 бо кормандони РМЗҶМ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

Роҳбарияти Академия бо мақсади баланд бардоштани малакаи касбии кормандони самти оперативӣ - намояндагони РКҶ, РМЗҶМ, РМЗҒММ, РАД, СМИТ ва Маркази хадамоти кинологии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин олимон ва омӯзгорони пуртаҷрибаи кафедраҳои тахассусӣ фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро барои гузаронидани ин машғулиятҳо сафарбар намуданд.

Баъди хатми курси мазкур аз тарафи сардори Академия, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ ба хатмкунандагон сертификатҳо супорида шуданд.

У. Олим,
С. Сафарзода

# Омодасозии кадрҳо



Вобаста ба амалӣ намудани иҷроиши дастуру супоришҳои Протоколи ҷаласаи селектории назди Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро бо мақсади баланд бардоштани малакаи касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, оид ба масъалаҳои таъмини қонуният ва тарбияи кадрҳои кордону поквиҷдон ва дорои сатҳи баланди касбият, роҳ надодан ба кирдорҳои коррупсионӣ ва рафъи камбудиҳо дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ баён гардид. Дар ин радиф, дар заминаи факултети №6 ва факултети №3 аз 11-уми январ то 10-уми феврал курси такмили ихтисос барои кормандони оперативии ВКД бо ҷалби намояндагони РКҶ, РМЗҶМ, РМЗҒММ, РАД, СМИТ, Маркази хадамоти кинологии ВКД, инчунин олимон ва омӯзгорони пуртаҷрибаи кафедраҳои тахассусӣ дар синфхонаҳои махсуси факултетҳои №№2 ва 6 муҷаҳҳаз бо воситаҳои аёнии таълимӣ дар сатҳи баланди касбӣ гузаронида шуд.

Баъди хатми курси мазкур бо фармоиши сардори Академия таҳти №109 аз 9-уми феврали соли 2021, аз тарафи муовини сардори ин таълимгоҳ, номзади илмҳои ҳуқуқ, полковники милитсия Ализода А.Ш. ва сардори факултети №3, номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия Амрудинзода М.А. ба шунавандагони ин курсҳо сертификатҳо дода шуданд.

*Маъруфиён Б.М.*

# Дастоварди илмӣ



Роҳбарият, ҳайати профессорону омӯзгорон ва ҳайати тағйирёбандаи Академия ба муносибати дар санаи 18-уми феврал дар шаҳри Маскав бомуваффақият ҳимоя намудани тадқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи "Правохранительная система в условиях трансформации политико-правовой организации современного государства (на примере Республики Таджикистан)" ва соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ гардидан Абдуллоев Абдулло Раҳматуллоевичро бо самимияти беандоза муборакбод гуфта, музаффариятҳои беназирро хоҳонанд.

Расидан ба чунин як дараҷаи волои илмӣ, пеш аз ҳама барои аҳли қалами Академия дастоварди беҳтарин ба шумор меравад. Чунин арзёбии олимони мо беш аз пеш аз дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад, ки танҳо баҳри рушду равнақи миллату Ватан равона карда шудааст.

Бо боварии том гуфтан метавон, ки дастоварди Абдулло Раҳматуллоевич баҳри пешбурди фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия ва ҳавасмандсозии олимони ояндаи ин даргоҳи илму маърифат мусоидат хоҳад кард.

*Т. Ҳоҷивалиева,*
*муовини сардори Шуъбаи адъюнктура,*
*подполковники милитсия*

# Омӯзгорони ҷавон - ғолибони озмуни "Китобхони беҳтарини ВКД"

Дар асоси дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба маърифати китобхонӣ, дар доираи озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", бо супориши Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, дар тамоми ҷузъу томҳои ВКД "Озмуни китобхони беҳтарин" гузаронида шуда, даври ҷамъбастии он дар ВКД бо иштироки комиссияи салоҳиятнок баргузор гардид, ки дар он миёни 47 нафар хизматчиёни мақомоти корҳои дохилӣ ду нафар омӯзгорони ҷавони Академия - майори милитсия Шоҳрух Аҳёзода ва лейтенанти калони милитсия Ҳокимҷон Ҳабибзода соҳиби ҷойи аввал гардиданд.

Инчунин, омӯзгори дигари ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ лейтенанти калони милитсия Амонуллои Ҳикматшо дар ин озмуни сатҳи баланд ҷойи сеюмро ба даст овард.

Ногуфта намонад, ки ин се нафар омӯзгорон ва афсарони ҷавони Академия, ки ҳоло худ ба таълиму тарбияи насли ҷавон машғул мебошанд, ба хондани китобҳои бадеӣ мароқи зиёд дошта, дар чорабиниҳои ҷамъиятии ВКД, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳо фаъолона ширкат меварзанд. Онҳо, дар баробари пешаи омӯзгорӣ, ҳамзамон сарварии ҷамъиятҳои илмии курсантон ва маҳфилҳои эҷодкорони ҷавонро дар Академия ба уҳда доранд.

Роҳбарият ва ҳайати шахсии Академия ин ғолибиятро ба Шоҳрух, Ҳокимҷон ва Амонулло табрик гуфта, ба онҳо фатҳи қуллаҳои баландро дар илму адабиёт таманно менамоянд.

Пирӯзӣ муборак, ҳамкорону ҳамкасбони азиз!

*Б. Асламов,*
*Ш. Одиназода,*
*ходимони илмии Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр*

# Моҳияти доштани Артиши миллӣ

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ кишварҳои навтаъсис, алалхусус ҷумҳуриҳои мустақили Осиёи Марказӣ дар заминаи биною иншооти амниятию ҳарбӣ, Қувваҳои Мусаллаҳи хешро заминагузорӣ карданд. Лозим ба ёдоварист, ки Артиши миллӣ ва бунёди Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҳақиқат зодаи даврони Истиқлол мебошанд, ки ҳамагӣ баъди якуним соли ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, дар марҳилаи ниҳоят вазнин ва ҳассоси таърихӣ, дар шароите таъсис дода шуданд, ки мавҷудияти давлати тоҷикон ва бақои Истиқлолияти он таҳти хатари нобудӣ қарор дошт.

Мақсади асосии давраи аввали бунёди Артиши миллӣ ташкили қувваҳои ҳарбие буд, ки қобилияти ҳифзи Истиқлолият, таъмини якпорчагии хоки Ватан ва оромии сокинони онро дошта бошанд.

Давраи дуюм иборат аз такмили сохтори ташкилию штатӣ буда, бо таъсиси намудҳои асосӣ, ба монанди қӯшунҳои хушкигард, қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ мебошад. Дар ин давра, инчунин ҷузъу томҳое ташкил ёфтанд, ки тавони дар ҳолати тағйирёбии воқеии вазъи ҳарбӣ-сиёсии минтақа амал карданро доштанд.

Давраи сеюми бунёди Қувваҳои Мусаллаҳ соли 1997 - пас аз имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон оғоз гардид. Дар ин давра вазифа ва таъиноти намудҳои амалкунандаи Қувваҳои Мусаллаҳ ва Қӯшунҳои дохилии ВКД аз нав баррасӣ шуданд. Бо шомил гардидани размандагони собиқ мухолифин ба Қувваҳои Мусаллаҳ сохтори ташкилию штатӣ тағйир ёфт.

Айни замон дар Қувваҳои Мусаллаҳ, аз ҷумла дар Қӯшунҳои дохилии ВКД гузаронидани ислоҳоти ҳарбӣ идома дорад. Намуди нави Қувваҳои Мусаллаҳ ва Қӯшунҳои дохилии ВКД - қувваҳои зудамал бе афзоиш додани теъдоди умумӣ таъсис дода шуданд. Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ муттаҳид шуданд. Чунин навгониҳо, пеш аз ҳама ба болоравии омодагии ҷангии ҳайати шахсӣ ва таҳкими қобилияти онҳо бахри тағйирёбии вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ, яъне мутобиқ сохтани аксуламали фаврӣ равона шудаанд.

Бояд зикр намуд, ки солҳои аввали таъсисёбии Артиши миллӣ мо ба мушкилоти нарасидани кадрҳои ҳарбӣ рӯ ба рӯ шудем ва дар ин ҷода Федератсияи Русия ва дигар кишварҳои ҳамҷавор ба мо дасти кумак дароз намуданд. Аз рӯзҳои аввали таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ хизматчиёни ҳарбии мо дар мактабҳои олии Вазорати мудофиа ва донишкадаҳои олии давлатҳои гуногуни ба мо дӯст, алалхусус Русия таълим мегиранд. Ҳоло дар макотиби гуногуни ҳарбии Русия шумораи зиёди мутахассисони тоҷик аз Вазорати мудофиа ва Қӯшунҳои дохилии ВКД бахри мустаҳкам намудани савияи дониш ва малакаи ҷангӣ давраи омӯзиширо мегузаронанд.

Инчунин, дар бахши омӯзонидани мутахассисони ҳарбӣ ба мо Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Британияи Кабир, Ҷумҳурии Федеролии Олмон, ИМА ва дигар давлатҳои ба мо дӯсту ҳамкор кумак менамоянд. Ҳамзамон, дар Вазорати мудофиа ва Қӯшунҳои дохилии ВКД усулҳои камхарҷу пурсамари таълими ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ, баланд бардоштани малакаи ҷангӣ ва обутоби ҷисмонии аскарону сарбозон амалӣ мегардад. Дар назди ҳар як қисми ҳарбӣ марказҳои таълимӣ ва майдончаҳои машқӣ амал мекунанд, ки ба омодагии ҷангии қӯшунҳо ва самарабахшии машқҳои таълимию машғулиятҳо мусоидат менамоянд.

Натиҷаи омӯзиш дар семинару курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси афсарону сарбозон, ки ҳамасола дар дохил ва хориҷи кишвар барои такмили донишҳои назариявию амалӣ мегузаранд, қаноатбахшанд. Ин тадбирҳо дар бахши тайёрии мутахассисони ҳарбӣ ва такмили таҷрибаи афсарон минбаъд низ идома меёбад.

Мустаҳкам намудани рӯҳияи низомии сарбозону афсарон, ҳифзи ормонҳои абадзиндаи ватандӯстӣ, эҳтиром ба муқаддасоти Ватан ва ифтихори миллӣ, шоҳаи асосӣ ва муҳими корҳои тарбиявӣ дар Артиш махсуб меёбад. Таърихи қаҳрамонию шуҷоат, далерию матонати падарону бобоёни мо бар ҳар як хизматчии ҳарбӣ дарси ибрат аст ва ташаккули хусусияти миллӣ доштани Артиш, муносибати халқ ба хизмати ҳарбӣ ва эҳтироми мардуми Тоҷикистон ба заҳмати ҳарбиён таъсири нек мерасонад.

Ба қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиа ва Қӯшунҳои дохилии ВКД ветеранҳои ҷангу меҳнат даъват ва бо афсарону сарбозон вохӯрии онҳо ташкил карда мешаванд. Аз ҷумла, бахшида ба Рӯзи таъсисёбии Артиши миллӣ дар қисмҳои низомии Вазорати мудофиа ва Қӯшунҳои дохилии ВКД бахри баланд бардоштани омодагии ҷангӣ ва тартибу интизоми қавӣ корҳои зиёде амалӣ карда мешаванд.

Айни замон ҷузъу томҳои Вазорати мудофиа ва Қӯшунҳои дохилии ВКД ба ҳайати нерӯҳои ҳарбии сулҳҷӯи байналмилалӣ шомил мебошанд.

Ҳар як давлати соҳибистиқлол дар ҳифзи суботу амнияти худ ба Артиши миллӣ такя мекунад. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол низ таърихи 28-солаи Артишдорӣ собит намуд, ки он ҳамчун такягоҳи асосии давлат ва сипари боэътимоди миллат, барои ба эътидол овардани вазъи душвори мамлакат ва пуштибонии сулҳу субот хизматҳои беназир намудааст.

***Ш. Зоиров,***
***нозири калони маркази бақайдгирӣ ва машваратии Шуъбаи таълим,***
***капитани милитсия***





Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон зодаи даврони соҳибистиқлолӣ буда, дар шароити вазнин таъсис ёфтаанд. Бинобар ин мо бояд шукронаи Истиқлолият намоему дар обод гаштани Ватани азизамон саҳми хешро гузорем. Дар ин муддати кӯтоҳ таърихи ҷузъу томҳои он ба нерӯи қудратманди низомӣ ва муҳофизи сулҳу субот кишвар табдил ёфта, ҳоло ба Ватан ва халқи худ содиқона хизмат доранд.

# Эй Ватан, номи ту дунёи ман аст!

Артиши ҷавони Тоҷикистон, хусусан дар солҳои душвори фоҷиабори ҷанги шаҳрвандӣ якҷо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои низомии кишвар дар ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ, ҳимояи марзу буми Ватан, безарар гардонидани гурӯҳҳои ифротгаро ва ҷинояткорони трансмиллӣ, хомӯш кардани ошӯбҳои хиёнаткорона бар зидди давлат ва ҷомеа нақши сазовору ҷавонмардона дорад.

Дар зарфи ин 28 соли гузашта, Артиши миллӣ рӯзҳои сахту сангинро пушти сар карда, аз озмоишҳои шадиди ин солҳо гузаштааст ва имрӯз ҳамчун нерӯи қудратманди низомие ташаккул ёфтааст, ки ҳомиву пуштибони суботу осудагӣ мебошад.

Бо дастгирии бевоситаи Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сол то сол Артиши миллии мо тавонманд ва аз лиҳози таъминот бо ҷиҳозу таҷҳизоти замонавӣ хеле пешрафта гардида истодааст.

*Эй Ватан, номи ту дунёи ман аст,*
*Қуллаҳоят сари болои ман аст.*
*Гар ба ҳифзат надиҳам ҷону тан,*
*Намакат заҳр шавад дар баданам.*

***Муҳаммадҷон Олимов,***
***корманд-ронандаи қисми хоҷагии факултети №4,***
***милитсияи қаторӣ***

# Иштироки курсантону омӯзгорони Академия дар конференсия

Санаи 17-уми феврал дар маҷлисгоҳи Литсейи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ибтикори Вазорати мудофиа ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон конференсияи ҷумҳуриявӣ зери унвони "Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон - сипари боэътимоди давлат" баргузор гардид. Кори конференсияро сардори Литсейи ҳарбӣ полковник Юсуфзода И.Ғ. кушод. Сипас, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор Каримова И.Х, муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳмадзода Д.Д., сардори Раёсати кадрҳо ва таълимоти ҳарбии Вазорати мудофиа генерал-майор Раҳимзода М.А., муаллифи китоби дарсии "Омодагии ибтидоии ҳарбӣ" Зиёев Қ.О., Сармутахассиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Тоҷикистон Ҷалолов С.А. ва дигарон дар бораи таърих ва нақши Артиши миллӣ дар давлатдории тоҷикон маърӯзаҳо карданд.

Дар конференсия аз Академияи ВКД 6 нафар курсантони курси 3-юми факултети №2 - Д. Маҳмадуллозода, Ф. Муродов, М. Шарифзода, Б. Бахриддинзода, О. Каримзода, А. Ҳабибуллозода ва ходими калони илмӣ, полковники милитсия Б. Асламов ширкат намуда, бо маърӯза дар мавзӯи "Артиши миллӣ - поягузор ва таҳкимбахши Истиқлолияти давлатӣ" баромад намуд. Дар охир, ба фаъолон аз ҷониби Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сипосномаҳо ва китоби "Афкори педагогии классикону адибони тоҷик" тақдим гардид.

Баъд аз анҷоми чорабинӣ меҳмонон бо шароити хизмат ва беҳдошти курсантони Литсейи ҳарбӣ шиносоӣ пайдо карда, ба фаъолияти бонизоми онҳо баҳои баланд доданд.

Хотиррасон менамоем, ки Литсейи ҳарбии Вазорти мудофиа дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми феврали соли 1999 дар заминаи мактаб-интернати махсуси ҷумҳуриявӣ, ки он 29 сентябри соли 1985 таъсис ёфта буд, ташкил карда шудааст. Аз рӯзи аввали таъсисёбии Литсейи ҳарбӣ сарварии онро генерал-майор Мирзо Ҷонов ба уҳда дошта, давоми фаъолияти солҳои минбаъда дигар мутахассисони касбӣ дар пойдорӣ ва дастовардҳои он саҳм гузоштанд. Агар дар замони таъсис, яъне соли 1985, дар мактаб-интернати махсус 80 нафар хонанда донишомӯзӣ карда бошанд, теъдоди онҳо сол то сол зиёд шуда, то соли 2001 мактаб-интернат ва баъдтар Литсейи ҳарбиро ҳазорон нафар курсантон хатм намудаанд. Аз соли 1999 Литсейи ҳарбӣ ба тобеияти Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашт, ки то соли 2003 ин муассисаи таълимиро 830 нафар ва то соли 2011 бошад, 1801 нафар хонанда хатм намудааст. Таҳсил дар Литсейи мазкур ду сол давом намуда, дар ин муддат хонандагон асосан донишҳои ибтидоии ҳарбиро аз худ менамоянд. Дар асоси низомномаи муайяннамудаи Литсейи ҳарбӣ курсантони лаёқатманд ба академияҳо ва донишгоҳҳои олии ҳарбии Федератсияи Руссия, Украина, Қазоқистон, Ҳиндустон ва Озарбойҷон барои давом додани таҳсил фиристода мешаванд ва қисми дигаре аз онҳо ба Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, маълумоти олии ҳарбӣ мегиранд.

Айни замон, даҳҳо нафар курсантони хатмнамудаи Литсейи ҳарбӣ баъди хатми мактабҳои олии касбӣ дар зинаҳои роҳбарикунандаи сохторҳои қудратӣ вобаста ба тахассусу донишҳои гирифта дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон адои вазифа менамоянд. Ба Литсейи ҳарбии Вазорати мудофиа омӯзгорони пуртаҷриба ҷалб карда шуда, бо мақсади баланд бардоштани сифати дониш ва ҳисси миллии толибилмон, инчунин таҳкими интизоми ҳарбӣ ва тайёрии низомӣ ҳамеша саъю кӯшиш менамоянд. Таълим дар Литсейи ҳарбӣ ба забони давлатӣ гузаронида мешавад. Азбаски тарбиятгирандагон ба мамлакатҳои хориҷа барои идома додани таҳсил равон карда мешаванд, дар асоси Оинномаи Литсейи ҳарбӣ, ба омӯзиши забони русӣ низ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Дар ин муассисаи таълимии ҳарбӣ 15 фан доир ба махсусиятҳои ҳарбии кишвар омӯзонида мешавад. Тарзи омӯзиш ба ду равия ҷудо карда шудааст: равияи забонҳои хориҷӣ ва равияи умумиҳарбӣ, инчунин ба ду иттиҳодияҳои методӣ ҷудо карда шудаанд: Иттиҳодияи методии фанҳои гуманитарӣ ва Иттиҳодияи методии фанҳон дақиқ.

Вобаста ба имконияту фарогирии хонандагон ба Литсейи ҳарбӣ ҳаминро бояд зикр намуд, ки аз ҷониби масъулини соҳа ҷиҳати самаранокии кори таълиму тарбия шароити хуби таҳсил фароҳам оварда шудааст. Литсейи мазкур дорои маҷлисгоҳ, синфхонаҳои таълимӣ, толори варзишӣ, майдонҳои сафороӣ, китобхонаи дорои беш аз 4 ҳазор нусха китоб мебошад. Рафти таълиму тарбия мувофиқи барномаҳои таълимӣ ва нақшаи чорабиниҳои соли таҳсил бо талаботи оинномаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастуру супоришҳои Вазири мудофиа ва Оинномаи Литсейи ҳарбӣ ба роҳ монда, корҳои тарбиявӣ-сиёсӣ ва таълимӣ дар мувофиқа бо Раёсат оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ ва Раёсати кадрҳо ва таълимоти ҳарбии Вазорати мудофиа, инчунин дар якҷоягӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

Ногуфта намонад, ки як қатор хатмкунандагони Литсейи ҳарбӣ имрӯз курсантони Академияи ВКД мебошанд.

*С. Сафарзода,*
*Ш. Убайдуллоев*

# Натиҷагирӣ аз Фестивали бозиҳои миллии варзишӣ



Рӯзи 6-уми феврал дар толори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе машваратӣ корӣ доир ба натиҷагирӣ аз нақшачорабиниҳо дар соли 2020 баргузор гардид.

Дар машварати корӣ масъулини соҳаи кор бо ҷавонон ва варзиши раёсат, директорони муассисаҳои варзишӣ ва мудирони бахши ҷавонони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иштирок доштанд.

Зимнан, бояд қайд кард, ки дар машварат масъалаҳои сари вақт иҷро намудани дастурҳои Раиси шаҳри Душанбе мӯҳтарам Рустами Эмомалӣ, роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуда, Фестивали бозиҳои миллии варзишӣ, ки 5-уми феврал дар шаҳри Душанбе доир гардид, натиҷагирӣ карда шуд.

Ҳамзамон, барои дар сатҳи баланди ташкилӣ бо омодагиҳои ҳамаҷониба баргузор намудани чорабиниҳои дарпешистода ва Фестивали навбатӣ, ки дар се марҳила баргузор мегардад, ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

*Шӯрои ҷавонон*

# Ҷавонон - муҳофизони боэътимоди Ватан

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Аз ин рӯ, ҷавонони мо ҳамчун нерӯи бузурги бунёдгару созандаи мамлакат эътироф шудаанд. Зеро имрӯз Тоҷикистон аз назари демографӣ дар ҳоли рушди доимӣ қарор дорад ва аз нисф зиёди аҳолӣ, яъне қувваи асосии пешбарандаи онро ҷавонон ташкил медиҳанд. Табиист, ки бе иштироки фаъолонаи чунин нерӯи бузург рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии давлатамонро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Умуман, ҷавонон дар маркази ҳама гуна тағйироту табаддулотҳои ҷиддӣ ва ҳам нек дар кишварамон будаанд.




Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳояшон қайд намудаанд, ки ҷавононояндасози давлату миллатанд, зеро роҷеъ ба мавқеи ҷавонон дар ҷомеа ва нақши онҳо дар пешрафти соҳаҳои гуногун изҳори назар карда, борҳо ба насли ҷавон боварӣ ва эътимоди хешро зоҳир намудаанд. Чунончӣ, дар яке аз мулоқотҳояшон таъкид доштанд, ки "Имрӯз зарурати таърихие пеш омадааст, ки аз миёни наврасону ҷавонон лаёқатмандонро ҷустуҷӯ намоем, барои ташаккули ҳаматарафаи шахсияти онҳо шароит муҳайё гардонем, нерӯи созандаашонро ба фатҳи қуллаҳои нави илму техника ва фарҳанг ҳидоят созем".

Ин гуфтаҳо аз ҷониби Сарвари давлат ифодагари онанд, ки мавсуф дар ҳар маврид барои дастгирӣ ва интихобу муаррифии ҷавонон, бахусус ҷавонони болаёқат кӯшиш намуда, такрор ба такрор ин нуктаро ёдрас намудаанд. Президенти кишвар хуб дарк менамоянд, ки асоси пешрафту густариши соҳаҳои гуногуни кишвар маҳз ба нерӯи ҷавонон вобастагӣ дорад. Дар иқтибоси боло таъкид гардидааст, ки ҷавононро дар ҳар гуна ҳолат ва дар ҳар вазъият чунон дастгирӣ ва кумак намоем, ки ҷавобгӯй ба талаботи ҷаҳонӣ бошад. Шароити комилан мусоид барои ҷавонон ва фароҳам овардани муҳити фаъолият маҳз дар гуфтаҳои Сарвари кишвар батакрор зикр шудаанд, ки ин баёнгари сиёсати устувор ва оянданигар дар рушди давлат ва давлатдорӣ мебошад. Дар суханрониҳои Роҳбари давлат на танҳо ба нерӯи созандаи ҷавонон умед баста шудааст, балки бамаврид таъкид шудааст, ки ҷавонони мо аз ҳар гуна пешрафтҳои ҷаҳонӣ огоҳ бошанд ва сари вақт муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсию иҷтимоиро, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ рух медиҳанд, огоҳона дарк намоянд.

Воқеан дуруст аст, зеро ояндаи давлату миллат дар дасти ҷавонон аст. Ҷавонон муаррификунандаи давлату миллатанд. Ҷавононояндасози имрӯзу фардои Ватананд ва мамлакатро бе ҷавонон тасаввур кардан нашояд.

Тоҷикистонро кишвари ҷавонон мегӯянд, зеро шумораи бештари аҳолии онро ҷавонон ташкил мекунанд. Тоҷикистон тавассути ҷавонони созандаю ободкори худ рушд мекунад ва солҳои минбаъда ба як давлати мутараққию пешрафтаи ҷаҳон табдил меёбад. Ҷавонон тавассути донишу қобилият ва зӯру бозуи худ Тоҷикистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуда, парчамбардори меҳан мешаванд.

Дар вохӯрии дигаре, ки бо ҷавонон сурат гирифта буд, Сарвари давлат чанд нуктаи муҳимро таъкид намуданд. Чунончӣ, "Шумо - ҷавонони бонангу номуси миллати тоҷик, офаранда ва созандаи ин фарҳанг мебошед".

Ин нукта воқеан таъкиди он аст, ки Сарвари давлат маҳз ба ҷавононе муроҷиат мекунанд ва он ҷавононеро соҳиби давлату миллат ва офарандаву созандаи фарҳанги миллӣ медонанд, ки онҳо, пеш аз ҳама бонангу номус ва боиродаву устувор мебошанд. Илова бар ин, дар вохӯриҳои Сарвари кишвар аз назари дигар ишорае ҳаст, ки ҷавононро маҳз ба ҳамин хислатҳои мардонагию ҷавонмардию ватандорӣ ҳидоят менамояд. Дар мавриди дигар ишора менамоянд, ки "Ҷавонон муҳофизони боэътимоди Ватан, амнияти давлату миллат, сарчашмаи ташаббусҳо ва манбаи асосии кадрҳо ҳастанд".

Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, бахусус дар марҳалаи гузариш аз як низоми сиёсиву иҷтимоӣ ба низоми сифатан нави идоракунӣ ба бисёр мушкилиҳои сахту сангин рӯ ба рӯ гардид. Зеро ибтидои солҳои навадуми асри гузашта ҷомеаи моро ҷанги шаҳрвандӣ, баъдан бухрони шадиди сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ фаро гирифта, дар баробари талафоти гарони ҷонӣ, ки мутаассифона, қисми зиёди онҳо ҷавонон буданд, иқтисоди кишварамон ба хисороти вазнини моддӣ дучор омад.

Бо вуҷуди ин, аз ҳамон марҳалаҳои душвори таърихӣ сар карда, то ба ҳол Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои ҷавонон, аз ҷумла беҳдошти вазъи таълиму тарбия, сатҳи забономӯзию забондонӣ, соҳиби ихтисос, касбу ҳунар ва ҷойи кор гардидани онҳо, инчунин мавқеи хоса пайдо намудани ҷавонон дар ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Маълум мешавад, ки андешаҳои Президенти кишвар дар мавриди нақши муассир доштани ҷавонон дар муҳити сиёсӣ ва дигаргуншавиҳои иҷтимоиву фарҳангӣ, ҳамчунин густариши соҳаҳои гуногуни ҷомеа такя ба меъёрҳои устувори сиёсӣ дар давлатдорӣ мебошад. Метавон мисолҳои зиёдеро ин ҷо овард, ки бевосита таваҷҷуҳ ва эътимоди шахсии Сарвари давлатро нисбат ба насли ҷавон ифода менамоянд. Бояд гуфт, ки маҳз ин эътибори Пешвои миллат сабаб гардида, ки аҳли ҷомеаи Тоҷикистон низ дар ин самт пайрави сиёсати пешгирифтаи Президент мебошанд.

Ҳамагӣ баъд аз шаш моҳи ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар кишвар Қонун "Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон" ба тасвиб расид, ки санади мазкур заминаҳои ташкиливу ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавононро муҳайё намуд.

Дар ин марҳалаи нави таърихӣ Тоҷикистон дар байни кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз аввалинҳо шуда, ин иқдомро ба роҳ монд, ки ҳадафи асосии он фароҳам овардани шароити мусоид барои ба камол расонидани насли нави худогоҳу худшинос ва соҳибмаърифату ватандӯст ба ҳисоб мерафт.

Баъди мулоқоти Президенти кишвар бо намояндагони ҷавонони мамлакат дар санаи 23-юми майи соли 1997, ҳамон сол мақоми ваколатдори соҳа - Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моҳи ноябри соли 2006 дар заминаи ин мақоми давлатӣ Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Боварӣ ва ифтихори Сарвари кишвар аз имкониятҳои зеҳниву ҷисмонӣ ва одобу ахлоқи насли замони Истиқлол бори дигар онҳоро водор месозад, ки далерона ба сӯйи фардои дурахшони Ватан ҳамчун нерӯи пешбарандаи сиёсати Пешвои миллат устуворона гом бардоранд.

*Муҳаммад Шукурзода,*
*курсанти курси 4 факултети №4,*
*сержанти хурди милитсия*

# Дар меҳмонии театр



Дар Академия дар баробари ба курсантону шунавандагон омӯзонидани барномаи таълимӣ, ҳамзамон анъанае роиҷ аст, ки зимни ҳар давраи хониш онҳоро ба тамошои осорхона, сайругашти мавзеъҳои таърихӣ, боғу гулгаштҳои навбунёд ё иншооти дар замони Истиқлолият бунёдгардида ҷалб намуда, ҷаҳонбинӣ ва маърифати фарҳангиашонро баланд мебардоранд.

Бо дастуру супориши сардори Академия, номзади илмҳои ҳуқуқ, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ санаи 16-уми феврал роҳбарият, шунавандагон, курсантон ва ҳайати профессорону омӯзгорони ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Абулқосими Лоҳутӣ рафта, драмаи "Ишқи Ватан"-ро аз рӯи асари Раҷабалӣ Қудратзода, ки онро коргардони ҷавон Баҳром Курбонзода таҳия намудааст, тамошо карданд.



Намоишномаи театрӣ ба ифтихори Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва бузургдошти шоири ҷанговар Ҳабиб Юсуфӣ бахшида шуда, ҳар хислати персонажҳо хеле зинда инъикос гардид. Ҳунармандони театри давлатии академӣ-драмавии ба Абулқосими Лоҳутӣ образҳои драмаро бо маҳорати баланд ва таъсирбахш иҷро намуданд.

***С. Сафарзода,***
***Ш. Убайдуллоев***

# Ихтироъкории омӯзгорону курсантон



Оид ба амалигардонии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф", ки барои солҳои 2020-2040 эълон гардидааст, иҷрои бистсолаи омӯзиши эҷодкорӣ ва ихтирокорӣ аз ҳадафҳои асосӣ ба ҳисоб меравад.

Таҷҳизоти техникие, ки аз ҷониби муовини сардори кафедраи фанҳои муҳандисию техникии факултети №3 полковники милитсия Муминиён Алишер Аминзода ва бо ёрии методии курсантони факултети №5, ки ихтисосҳои бехатарӣ аз сӯхтор ва ҳолатҳои фавқулода омода месозад, пешниҳод шудааст, аз ҷиҳати сохт сода буда, ҳаҷми хурдро доро мебошад.

Вазифаи асосии таҷҳизоти техникии мазкур барои пайваст намудани саракҳои рӯдаҳои оташнишонӣ ба саракҳои пайвасткунанда бо истифодаи ноқили металии мустаҳкамии баланддошта (хром, пӯлод) буришашон аз 2 то 5 мм истифода бурда мешавад.

Айни ҳол ин таҷҳизоти техникӣ бо мақсади ҷавобгӯӣ будан ба стандарти давлатӣ, барои гузаронидани озмоиши гидравликӣ ба шуъбаи техникии Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон равон карда шудааст, ки дар сурати аз озмоиши гидравликие, ки атмосфераи муайян дорад, ё ин ки пешниҳодҳо (навгониҳо, тағйирдиҳӣ ва ё ворид намудани ягон қисм ба таҷҳизот барои мукаммал гардонидан аз тарафи мутахассисони бехатарӣ аз сӯхтор) аз ҷониби ихтироъчӣ пешниҳодҳо ба назар гирифта шуда, мукаммал гардонида мешавад ва ба истеҳсолот равона карда мешавад.

***М. Нуруллозода,***
***майори милитсия***
***Ф. Шарофзода,***
***капитани милитсия***

# Омодасозии наворҳои идонаи телевизионӣ

Ҳамасола 23-юми феврал мардуми шарифи тоҷик солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар фазои сулҳу субот ва рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ қайд менамоянд. Агар таъриху фарҳанг нишонаи ҳастии давлат бошанд, пас доштани Артиши миллӣ гувоҳи оромиву осудагии давлат мебошад ва дар ин замина, барои пойдории Қувваҳои Мусаллаҳ ҷавонон саҳми бориз доранд.



Санаи 17-уми феврал аъзои Шӯрои ҷавонони Академия зери роҳбарии раиси он лейтенанти калони милитсия Ҳабибзода Ҳокимҷон Тоирҷон ҷиҳати омода намудани наворҳои видеоии телевизионӣ бахшида ба 28-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ дар Телевизиони Тоҷикистон иштирок намуданд. Аъзои Шӯрои ҷавонон тавонистанд бо шеъру суханҳои таъсирбахш дар васфи Артиши миллӣ ва Тоҷикистон диққатро ба худ ҷалб намоянд.

***Шӯрои ҷавонон***




МУАССИС:
Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
**Раҳимзода Р.Ҳ.**
*Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Шарифзода Ф.Р.**
*Сардори Академияи ВКД*

**Кабирзода Ҷ.Ҳ.**
*Муовини аввали сардори Академияи ВКД*

**Саидзода З.А.**
*Муовини сардори Академияи ВКД*

**Ализода А.Ш.**
*Муовини сардори Академияи ВКД*

*САРМУҲАРРИР:* **Умед Олим**

*СУРАТГИР:* **Шавкат Убайдуллоев**

*ТАРРОҲ:* **Муҳаббат Рашидова**

Барои истифодаи маводи нашрияи "Набзи милитсия" нишон додани манбаъ ҳатмист.

Нашрия аксҳо ва бархе маводро аз шабакаи ҷаҳонии Интернет истифода мебарад.

Аксҳо ва дастнависҳои ба идораи нашрия воридшуда ба муаллифон баргардонда намешаванд. Маводҳои дастнавис қабул карда намешаванд.

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0383/рз аз 24 августи соли 2015 ба қайд гирифта шудааст.

НИШОНӢ:
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3.

Телефонҳо:
226-60-43 (факс),
226-60-42, 226-60-60, 907-50-37-45

Нашрия дар чопхонаи «Мега-принт» аз чоп баромад.

Адади нашр: 500 нусха